Сирояти беморӣ ва фоли бад ҳақиқат надорад, тафоул ва хушбинӣ бароям писанд аст". Гуфтанд: Фоли нек гирифтан чист? Фармуд: "Сухани некӯ

Аз Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Сирояти беморӣ ва фоли бад ҳақиқат надорад, тафоул ва хушбинӣ бароям писанд аст". Гуфтанд: Фоли нек гирифтан чист? Фармуд: "Сухани некӯ."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки сирояти бемориҳо, ки аҳли ҷоҳилият ба он муътақид буданд ва бовар доштанд, ки беморӣ бидуни тақдири илоҳӣ худ ба худ аз касе ба касе дигар мегузарад, ботил аст. Ва "тияра" ҳам ботил аст, яъне фоли бад гирифтан аз ҳар чизе - шунидани бошад ё диданӣ - аз парандагон, ҳайвонот, маъюбон, рақамҳо, рӯзҳо ё ғайри инҳо. Инҷо аз паранда ёдоварӣ шудааст, зеро он дар замони ҷоҳилият машҳур буд. Ва асли он раҳо кардани паранда ҳангоми анҷом додани коре ба мисли сафар ё тиҷорат ё ғайри он буд. Агар он парранда ба тарафи рост парвоз мекард, фоли хуб буд ва корашро анҷом медод. Ва агар ба тарафи чап парвоз мекард, фоли бад маҳсуб мешуд ва аз анҷоми кораш худдорӣ мекард. Сипас Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки хушбинӣ ва фоли некро меписандад. Ва фоли нек он аст, ки инсон аз шунидани сухани нек хушҳол шавад ва ба воситаи он ба Парвардигораш гумони нек бикунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3422